**ФИШУРДААХБОР №7**

**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР КАРДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

# *Дастовардҳои ислоҳот дар самти соддагардонии расмиёти андозбандӣ*

## *Тадбирҳои ислоҳот:*

### *Раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо*

Бо мақсади дар сатҳи муосир ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва аз байн бурдани тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар ҳомили коғазӣ ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуд. Дар 8 моҳи соли 2020 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, зиёд гардида, айни замон шумораи субъектҳои хоҷагидор зиёда аз 160,0 ҳазорро ташкил медиҳад.

Барои андозсупорандагоне, ки имконияти дастрасӣ ба интернет, ё имконият ва малакаи кофии ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андозро надоранд, дар биноҳои нозиротҳои андози як қатор шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ утоқҳои алоҳида, терминалҳо ҷудо ва насб гардонида, бо компютерҳо таҷҳизонида шуданд, ки дар онҳо мутахассисони мақомоти андоз ба андозсупорандагон кӯмак мерасонанд.

### *Пардохти андоз бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ тариқи хизматрасонии интернет-эквайринг*

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва сарфа намудани вақт барои пардохти андозҳо, дар сомонаи Кумитаи андоз шакли нави хизматрасонӣ ҷорӣ гардидааст, ки бо истифода аз он шаҳрвандон ва

андозсупорандагон имконият доранд бе ташриф овардан ба нуктаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиётро бо истифода  аз кортҳои пардохтии бонкӣ (“Visa”, “MasterCard” ва “Корти миллӣ”) пардохт намоянд. Дар баробари пардохти ғайринақдии маблағи андозҳои мазкур бо истифодаи кортҳои пардохти бонкӣ, тавассути сомонаи Кумитаи андоз хизматрасонии интернет-эквайринг ҷорӣ гардид. Мавриди истифода қарор додани хизматрасонии эквайринг ба субъектҳои хоҷагидор имконият дод, ки тавассути кортҳои пардохтӣ маблағи андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ пардохт намоянд.

## *Хориҷ гардидани меъёри 1-фоизаи андоз аз даромади умумии корхонаҳо*

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1676 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ” меъёри 1-фоизаи андоз аз даромади умумии корхонаҳо хориҷ карда шуд. Бо назардошти тағйироти мазкур новобаста аз он, ки фаъолияти молиявии солонаи корхона бо зарар ҷамъбаст шуда бошад ва ё маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида аз 1 фоизи даромади корхона кам бошад, корхона ӯҳдадор намебошад, ки андоз аз фоидаро аз даромади умумии солонаи худ на кам аз 1 фоиз ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд. Мувофиқи методологияи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ иқдоми мазкур ба 17,68% камшавии умумии сарбории андоз, аз 67,3% то 49,62% мусоидат хоҳад кард.

## *Аз пардохти андоз озод гардидани соҳибкорони инфиродие, ки дар хона фаъолият мекунанд*

Тавассути қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба “Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд”, шахсони воқеӣ тибқи номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ***дар хона,*** аз 1 январи соли 2020 дар мақомоти андоз ба сифати соҳибкори инфиродӣ ***ройгон*** ба қайди давлатӣ гирифта шуда, ***аз пардохти андозҳо озод мегарданд.*** Ин тадбир барои муайян намудани мақоми ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба имтиёзҳои молиявӣ, қарзҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва дигар имкониятҳои васеи дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳунармандӣ мусоидат менамояд.

## *Дар асоси патент ба иҷора додани биноҳои истиқоматӣ ба сайёҳон ва хизматрасонӣ вобаста ба он*

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605, ба иҷора додани биноҳои истиқоматӣ ба сайёҳон ва хизматрасонӣ вобаста ба он дар маҳали аҳолинишин (шаҳр, шаҳрак ва деҳа), ки меҳмонхона надорад ***дар асоси патент*** амалӣ карда мешавад. Ин тадбир имконият медиҳад, ки инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳал рушд намуда, ҷойҳои кории иловагӣ таъсис дода шавад ва ба рушди соҳа ва дар маҷмуъ фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд.

## *Ба роҳ мондани пардохти андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ*

Ҷиҳати сода намудани раванди баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашудаи пардохтгардида, модули нави хизматрасонӣ омода ва мавриди амал қарор дода шуд, ки тибқи он пешниҳоди аризаи андозсупоранда ва хулосаи мақомоти андоз дар бораи баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст. Чунин шакли хизматрасонӣ ҷиҳати сари вақт баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, сарфа намудани вақти (хароҷоти) андозсупорандагон ва инчунин баланд бардоштани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалии ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» мусоидат менамояд.

*Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 601-00-27 ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj. муроҷиат намоянд.*